Х. МИРЗОЗОДА

# ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ТОҶИК

ББК 83.3 (0) 9
8 точик 1 (075)
М 65

Муҳаррир Ҳ. Имоди

**Мирзозода Холиқ**

М 65 Таърихи адабиёти точик (Аз давраи қадим то асри XIII)

*Китоби I (II)*

**Мирзозода Х.**

История таджикской литературы (с древних времен до XIII в.)

ISBN 5—670—00090—0

М $\frac{4603020000-248}{504\ (12)-89}$ 89—89

ББК 83.3 (0) 9
8 точик 1 (075)

ISBN 5—670—00090—0

© Мирзозода Х., 1989.

# АДАБИЁТИ ДАВРАИ ИНКИШОФИ ФЕОДАЛИЗМ (АСРҲОИ XI—XII)

**Маълумоти мухтасари шароити таърихӣ**

Асрҳои XI—XII аз ҷиҳати сохти иҷтимоӣ ва сиёсии худ — давраи феодализми мутараққӣ буда, давоми сохти феодалист, вале аз ҷиҳати воқеаҳои сиёсӣ ва таърихи аз асрҳои IX—X фарқи кулли дорад.

Дар ин асрҳо, ҳарчанд ки давраи инкишофи феодализм буд, воқеаҳои таърихӣ шакли дигар доштанд, бо чандин сабабҳои дохили ва хориҷӣ ҳокимияти хонадони феодалҳо — аристократияи тоҷик аз арсаи таърих рафта, ҷои онро ҳокимияти хонадони аристократияи ҳарбии туркҳои бодиянишин—Қарахониён (999—1141), Ғазнавиён (999—1187), Салҷуқиён (1040—1190) ва Хоразмшоҳиён (1097—1220) ишғол карда буданд. Бо қувваи ҳарбӣ ҷорӣ шудани ҳокимияти ин хонадонҳо чунин маънои сиёсӣ дошт, ки кишвари Осиёи Миёнаро, ки дар ин асрҳо аксарияти халқаш тоҷикон буданд, сипоҳиёни феодалии туркҳои кучманчӣ истило карда буданд ва халқи маҳалли истиқлолияти сиёсиашро гум кард. Мамлакат ба қисмҳо тақсим, ягонагию марказияти он вайрон гардид. Дар ҷои як маркази сиёсӣ (Бухоро) чанд маркази сиёсӣ (Ғазнин, Баласағун, Марв, Нишопур, Урганч, Бомиён, Фирӯзкӯҳ, Шервон) ба вуҷуд омаданд. дар байни ин хонадонҳои нави феодалӣ ҷангҳои доимии байниҳамдигарӣ давом мекард, ки моҳияти таърихан иртиҷоӣ дошт. Хоҷагии халқ хароб мешуд, нифоқ, душманӣ ва майлҳои маҳалпарастӣ, ҷудоиталабӣ авҷ гирифта, ягонагии халқу мамлакат аз байн мерафт. Дар охири асри XI ва аввали асри XII давлати феодалҳои кӯҳистонии тоҷик бо номи мулуки Ғурия ташкил шуда бошад ҳам (марказаш Фирӯзкӯҳ), вазъияти таърихиро тағьир дода, мамлакати тоҷиконро аз нав мисли давраи Сомониён муттаҳид карда натавонист. Хулоса, аз ҷиҳати сиёсӣ чунон вазъияти ногуворе ба вуҷуд омад, ки муаллифи «Шоҳнома» Фирдавсӣ дар тамоми асари бузургаш ба муқобили он ғояи ягонагии халқу ватан ва ҳимояи онро тараннум кардааст. Ин ҳолат барои ватандӯстон азоби бузурги рӯҳӣ буд:

Ки онҳо ҳама бар дил осон набуд,
Вале ҷуз хамӯшӣ ҳеҷ дармон набуд.

*(Фирдавсӣ)*

Бо вуҷуди ҷангҳои пай дар паи ин хонадонҳо, ки харобии куллӣ меоварданд, азбаски замон замони инкишофи муносибатҳои иқтисодии феодалӣ буд, хоҷагии халқ — зироат ва махсусан, дар шаҳрҳо ҳунармандӣ ва савдо инкишоф ёфта, миқдори шаҳрҳо зиёд шуда, худшиносии аҳолии шаҳр меафзуд. Яке аз сабабҳои тараққии шаҳрҳо натиҷаи бад шудани аҳволи иқтисодии аҳолии деҳот, кам шудани рағбат ба деҳқонӣ ва ба шаҳрҳо равон шудани деҳқонони хонавайроншуда ва заминҳоро тарк кардани онҳо буд. Бо вуҷуди ин, соҳаи асосии хоҷагидории феодалӣ зироат буд ва деҳқонон оммаи асосии истеҳсолкунандаи неъматҳои моддӣ ба шумор мерафтанд. Ин фикр дар шеърҳои шоири деҳқон Носири Хисрав «Дар ҳаққи кашоварзон» ва «Дар ҳаққи санъатварон» хеле равшан акс ёфтааст:

Беҳ аз саннои олам деҳқон аст,
Ки ваҳшу тайрро роҳатрасон аст.

Аҳволи иқтисодии ҳар ду табақаи меҳнаткаш ҳам вазнин буд, зеро синфи ҳокими муфтхӯри феодалӣ, аристократияи ҳарбию давлатии он ва империяҳо аз ҳисоби ранҷи бешумори халқи мамлакат зиндагӣ мекарданд, зеро «Ҳамаи табақаҳои расмии империя аз ҳисоби макидани охирин шарбати бадани деҳқонон зиндагӣ мекарданд»*. Ин маъниро шоирони майлҳои феодалӣ ва халқӣ дошта дар асарҳои худ акс кунонидаанд:

Фаррухӣ ҳолати моддӣ ва рӯҳияи синфи ҳокимро аз забони қаҳрамони лирики ин тавр овардааст:

Тавонгарам ба ғулому тавонгарам ба сутур,
Тавонгарам ба нишоту тавонгарам ба сурур,
Либоси ман ба баҳорон зи тузиву қасаб аст,
Ба тирамоҳ хази қиматеву қаззу самур.

Носири Хисрав ҳолати тазоди иқтисодии синфи доро ва нодорро акс кунонидааст:

Ин ба сари ганҷ бароварда тахт
В-он ба яке кунҷ — дарун бенавост.
Холид бар бистари хаз асту базз,
Ҷаъфар дар орзуи бӯрьёст.

Мутафаккирони майлҳои халқӣ дошта ба моҳияти иқтисодӣ ва қонунҳои иҷтимоии он сарфаҳм нарафта, танҳо факти ногувори ҳаётро қайд намуда, худ ба худ саволҳои эътирозӣ медоданд:

---

* К. Маркс и Ф. Энгельс. Соч. т. 3, с. 357.

Неъмати мунъим чарост дарьё-дарьё?
Меҳнати муфлис чарост киштӣ-киштӣ?

Вале на ҷавоб гирифта ва на ҷавоб дода метавонистанд. Сабаби онро ба таври ғалат аз каҷрафтории чархи фалак ва таъсири он ба тақдири инсон дониста, аз даври гардун шикоят мекарданд:

Эй чарх, хароби аз кинаи туст,
Бедодгарӣ шеваи деринаи туст,
Эй хок, агар синаи ту бишкофанд,
Бас гавҳари қимате, ки дар синаи туст.

*(Хайём)*

Аз рӯи таълимоти марксизм-ленинизм, шикоят аз фалак — шикоят аз замин аст, шикоят аз замин — шикоят аз ҳукуматҳои замони феодалӣ, синфи ҳукмрон ва сохти беадолати он мебошад. «Танқиди осмон ба танқиди замин... нигаронида шудааст...»*

Дар асрҳои XI—XII ҳам мисли давраҳои дигари феодалӣ шуришҳои халқи аз қабили ҳаракати исмоилия — қароматия ва шуриши косибони Бухоро — шӯриши малик Санҷар (дар соли 1206) рӯй дода меистод, вале аз сабаби набудани синфи коргар ва роҳбарии он, номуташаккилии деҳқонон ва ҳунармандон, ҳамчунин ҳукмрон будани ақидаи деҳқони подшоҳпарастӣ ба ғалабан куллӣ расида наметавонист. Агар шуриши деҳқонон ғолиб омада бошад ҳам, сохти иктисодӣ ва давлатдории феодалиро тағьир надодааст, вале рӯҳи озодихоҳии оммаҳои меҳнаткаш дар ҷараёнҳои гуногуни эътирозҳои зиддифеодалӣ дар ақида ва ҷаҳонбинии халқ давом ёфтааст.

Дар асрҳои XI—XII дар асоси қонуни ҷамъиятие, ки халқи истилошудаи маданияташ баланд маданияти худро ба халқи истилогари маданияташ нисбатан паст қабул мекунонад**, омезиши тадриҷии халқи маҳаллӣ — тоҷикон ва халқҳои кӯчманчӣ туркон дар кори хоҷагӣ ва маданӣ ба амал омад ва алоқаи деринаи ин ду халқ, бо вуҷуди тазоди хоҷагии онҳо дар ифодаи «турку тоҷик», инкишоф меёфт. Онҳо ба якдигар таъсир мегузаронданд.

**Комьёбиҳои илмӣ ва маданӣ**

Тараққиёти илмӣ, адабӣ, санъат, маданият ва афкори фалсафии ин даврро «ренесанси Шарқ» номидан дар адабиёти илмии имрӯза расм шудааст. Факти комьёбиҳои мадании ин ду асрро на ренесанс, ки ба пайдоиши ҷамъияти буржуазии Ғарб мансуб аст, балки тараққиёти мадании давраи инкшофи феодализми мутараққӣ шуморидан беҳтар аст, ки баъдҳо вобаста ба таназзули феодализм ба харобӣ рӯ овардааст. Ҳарчанд ки истилои арис-

* К. Маркс и Ф. Энгельс. Соч., т. 1, с. 400.
** Ф. Энгельс. Анти-Дюринг. Дар китоби К. Маркс и Ф. Энгельс. Соч., т. 14, нашри 1, ст. 185.